*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-062 назди Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30; e-mail: p.rektora@mail.ru)*

# *ТАҚРИЗ*

***ба афтореферати диссертатсияи Муртазозода Ораз дар мавзӯи «Такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ.***

Такмили системаи идоракунии соҳаи саноат дар шароити инноватсионикунонии иқтисодиёти миллӣ аҳаммияти калидӣ касб менамояд, зеро маҳз сатҳи ташкили идоракунӣ самаранокии татбиқи навовариҳо, ҷалби сармоягузорӣ ва рақобатпазирии истеҳсолоти саноатиро муайян мекунад. Аз ин нуқтаи назар зикр кардан ба маврид аст, ки зарурати гузариш ба низоми муосири идоракунии стратегӣ ва инноватсионӣ ба миён омада, метавонад ба рушди устувор ва ҷалби сармоягузорӣ мусоидат намояд. Воқеан ҳам, дар шароити имрӯза масъалаи мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳимми иқтисодӣ табдил ёфтааст, зеро рушди босуръати технологияҳо, афзоиши рақобати ҷаҳонӣ ва тағйирёбии муҳити беруна талаб менамояд, ки сохторҳои идоракунии саноатӣ ба талаботи нав мутобиқ карда шаванд ва механизмҳои самараноки қабули қарорҳои стратегӣ ҷорӣ гарданд.

Диссертант дуруст иброз менамояд, ки татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар амалияи кишвар ба ҳалли масъалаҳои иҷтимою иқтисодии рушди кишвар, мустаҳкам гардонидани мавқеи сиёсию ҳуқуқӣ ва заминаҳои технологии рушди он мусоидат менамояд. Муаллиф дар ин ҷо, пеш аз ҳама, дар назар дорад масъалаи таъминоти кадрии рушди инноватсионии соҳаи саноат, ки омили калидӣ боқӣ мемонад (саҳ. 20-22). Аз ин рӯ, бесабаб нест, ки солҳои охир дар кишвар ба рушди сармояи инсонӣ, такмили низоми тайёркунӣ ва бозомӯзии мутахассисон, инчунин мутобиқсозии таҳсилоти касбӣ ба талаботи иқтисоди инноватсионӣ аҳаммияти махсус дода мешавад.

Дар раванди таҳқиқот муаллиф як қатор навгониҳо ва дастовардҳои илмиро бо хулосаҳо ва пешниҳодҳои асоснок пешниҳод намудааст. Мазмун ва муҳтавои онҳо дар матни бобу зербобҳои автореферат пурра инъикос ёфта, ҷамъбаст ва натиҷагирӣ шудаанд. Бахусус, қайд мегардад,

ки бо рушди нововарии технологӣ ва хатарҳои глобалӣ, ки бо суръати хеле баланд паҳн мешаванд, иқтисоди миллӣ ва саноат аз роҳи интиқоли дурусти технологияҳо ва инноватсия ба рушд ва устуворӣ мерасанд (саҳ. 29-31). Дар ҳақиқат, дар шароити шиддатёбии рақобати технологӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ, интиқоли самараноки технологияҳо ва татбиқи инноватсияҳо ҳамчун омили калидии баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва таҳкими амнияти иқтисодӣ баромад мекунанд. Масалан, таҷрибаи кишварҳои пешрафта ва рӯ ба рушд нишон медиҳад, ки маҳз ташаккули муҳити мусоиди институтсионалӣ барои инноватсия, имкон медиҳад, ки хатарҳои берунӣ коҳиш ёфта, иқтидори дохилии рушд фаъол гардонида шавад.

Инчунин, муаллиф маълумотҳоро бар асоси маълумоти оморӣ ва ҳисоботҳои расмӣ, тақсимоти соҳаҳо ва нишондиҳандаҳои корхонаҳо таҳлил кардааст, то нишондиҳандаҳои рушди саноат ва динамикаи он дар солҳои муайянро арзёбӣ намояд. Ба андешаи ӯ, давоми солҳои соҳибистиқлолӣ корхонаҳои зиёди саноатӣ таъсис дода шуда, дар маҷмуъ, миқдори онҳо дар соли 2023 ба 3453 адад баробар гардидааст. Танҳо тайи солҳои 2015–2023 шумораи умумии корхонаҳои саноатӣ ба миқдори 1143 адад зиёд гардида, ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ба андозаи 30087 млн. сомонӣ афзоиш ёфтааст (саҳ. 35-39).

Муҳаққиқ иброз медорад, ки дар марҳалаи муосири рушд мутобиқ кардани низоми саноатӣ ба принсипҳои иқтисоди “сабз” тақозои таълимоти рушди устувор аст. Вобаста ба ин, харитаи роҳ, ҳамчун механизми идоракунии рушди инновастиони ва роҳнамои асосӣ якчанд марҳалаҳо ва қадамҳои муҳимро дар бар гирифта, метавонанд ба корхонаҳои саноатӣ дар гузариши осон ба модели иқтисоди “сабз”, коҳиш додани таъсири онҳо ба муҳити зист ва баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо дар баробари стандартҳои нави экологӣ ва татбиқи самараноки принсипҳои иқтисоди “сабз” мусоидат намояд (саҳ.54). Муаллиф дар ҳақиқат таъкид мекунад, ки амалисозии чунин харитаҳои роҳ метавонад на танҳо самаранокии иқтисодиро афзоиш диҳад, балки ҳамзамон рӯҳияи инноватсионӣ ва масъулияти экологиро дар сатҳи корхонаҳо тақвият бахшад.

Автореферати диссертатсияи мазкур дар сатҳи илмӣ таҳия гардида, дар он пайдарпайии пешниҳоди мавод ва мустақилияти фикрии муаллиф эҳсос карда мешавад. Илова бар ин, муаллиф муҳимтарин манбаъҳоро мавриди таҳқиқ қарор дода, заминаи назариявӣ ва амалии масъалаҳои таҳқиқшаванда фароҳам гардидааст.

Дар автореферати диссертатсия, ки бо забони фаҳмо ва илмӣ навишта шудааст, чунин камбудӣ низ ҷой дорад:

**1.** Ба андешаи мо, хусусиятҳои асосии ниҳодҳои давлатӣ дар расми 10 ба инобат гирифта нашудааст (саҳ.34). Агар аз ҷониби муаллиф вазифаи назоратӣ ва ҳавасмандгардонӣ низ илова мегардид, боз беҳтар мешуд.

**2.** Дар саҳифаи 39-и автореферат муаллиф нишондиҳандаҳои асосии арзёбии самаранокии низоми идоракунии инноватсионии корхонаҳои саноатро дида баромадааст. Аммо, ба андешаи мо аз назария муаллиф омилҳои институтсионалӣ, иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва идоракунӣ дур мондааст.

Эродҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, мазмун ва баҳои воқеии таҳқиқоти диссертатсиониро тағйир намедиҳад.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Муртазозода Ораз дар мавзӯи “Такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешниҳод карда шудааст, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионни назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат намуда, Муртазозода Ораз сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Вакили Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии**
**Тоҷикистон, Муовини Раиси Кумита оид ба**
**иқтисод ва молия, д.и.и., профессор** **Набизода Т.Т.**

*Имзои д.и.и., Набизода Т.Т.- ро тасдиқ менамоям.*

**Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории махсуси**
**Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Сафарзода Ф.С**

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдаки
Тамос: (992 37) 221-73-48, (992 37) 221-11-43
E-mail: info@parlament.tj